Бо фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.09.2021№1252 тасдиқ шудааст

БАРНОМАИ НАМУНАВИИ СОАТҲОИ ТАРБИЯВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ
(барои зинаи бакалавриат)

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

БАРНОМАИ НАМУНАВИИ СОАТҲОИ ТАРБИЯВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ
(барои зинаи бакалавриат)

ДУШАНБЕ
2021

МУНДАРИҶА

## ҚИСМИ 1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

Муқаддима ………………………………………………………
Сарпарасти (куратори) гурӯҳи таълимӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ…………
Принсипҳои педагогие, ки сарпарасти гурӯҳи таълимӣ дар фаъолияти худ ба роҳбарӣ мегирад …………………………………………………………
Шаклҳо ва методҳои кори тарбиявии сарпарасти гурӯҳи таълимӣ ………
Нақшаи тахминии дарсҳои тарбиявии сарпарасти гурӯҳи таълимӣ ………
Намунаи нақшаи корҳои тарбиявии сарпарасти гурӯҳи таълимӣ…………
Нақшаи ташкили соати тарбиявӣ……………………………
Ҳуҷҷатгузории сарпарасти гурӯҳи таълимӣ……………………

## ҚИСМИ 2. НАҚШАИ ТАҚВИМӢ-МАВЗӮИИ СОАТҲОИ ТАРБИЯВӢ (НАМУНА)

Ҷадвали тақсимоти соатҳои тарбиявӣ вобаста ба курс ва соли таҳсил………
Курси 1 ………………………………………………
Курси 2 ………………………………………………
Курси 3 ………………………………………………
Курси 4 ………………………………………………

# ҚИСМИ 1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

## Муқаддима

Мақсад, вазифа ва самтҳои дар ин барнома ҷойдошта бунёди низоми ташаккули сифатҳои ватандӯстӣ, маънавӣ ва ахлоқии донишҷӯён ва корҳои тарбиявӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, инчунин фаъол гардонидани раванди дарс, ҷалби таваҷҷуҳи донишҷӯён ва таъсир расонидан ба қобилияти донишомӯзии онҳо ва мутобиқ сохтан ба талаботи замон мебошад. Мақсад ва мароми таркибии корҳои тарбиявӣ дар раванди дарс тарбияи ватандӯстӣ, тарбияи миллӣ, аз қабили тарбияи ғоявию сиёсӣ, меҳнатӣ, иқтисодӣ, экологӣ, тарбияи ҷисмонӣ, ташкили ҳаёти солим, тарбияи таҳаммул ва тоқатпазириро дар бар мегирад.

Инчунин донишҷӯёнро зарур аст, ки баҳри созандагии хеш тамоми комёбиҳои даврони истиқлолият, таҳкими давлатдорӣ, муттаҳидӣ, сулҳу осоиш, таҳкими ваҳдати миллӣ ва пешравии минбаъдаи иқтисодиёту иҷтимоиёт ва фарҳангу маънавиёти Тоҷикистонро дарк карда тавонанд. Бунёди низоми ташаккули сифатҳои ватандӯстӣ, маънавӣ ва ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълиму тарбия ба хотири он аст, ки донишҷӯён дар вақти дарс ба риояи сару либос, бо худ доштани воситаҳои таълимӣ ва вазъи санитарию гигиении синфхона эътибор диҳанд. Нисбат ба моликияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (аз ҷумлаи биноҳо, воситаҳои техникӣ, мизу курсӣ, ҷевон, дастурҳои таълимӣ, китоби дарсӣ, маҷалла, рӯзнома, аёният ва ғайра) эҳтиёткор бошанд. Маром ва ҳадафи ташаккули сифатҳои ватандӯстӣ, маънавӣ ва ахлоқии донишҷӯён дар раванди дарс иборат аз он аст, ки ба худи онҳо пеш аз ҳама дар хусуси донистани муқаддасоти миллӣ, таъриху фарҳанг, рамзҳои давлатӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ифтихори ватандорӣ, инчунин аз боби донишу донишандӯзӣ, одоби ҳамида, ҳиси худшиносиву худогоҳӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ, фарҳанги муоширaт, зарурияти риоя намудани тартиботи дохилӣ ва қоидаҳои донишҷӯӣ изҳори назар намоянд.

Бо мақсади таблиғоти донишандӯзӣ ва баланд бардоштани шуур ва тарбияи маърифати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои муҳим қабул гардиданд, ба мисли Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикиситон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997 «Дар бораи тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи низоми омӯзиши соҳаи тарбияи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Ҳамчунин барои омӯзиши маърифати ҳуқуқӣ ва мукаммалгардонии дониши шаҳрвандон замина гузошта шуд.

Барномаи кории мазкур барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мураттаб гардидааст. Мақсади барнома ба тарбияи муттахассиси бофарҳангу худшинос, ки барои бунёди ояндаи ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳмгузор аст, равона гардидааст. Мутаххасиси ҷавон дар ин ҷода бояд ҳуқуқ ва озодиҳои худро донад, ҳуқуқ ва озодиҳои шахси дигарро муқаддас шуморад ва қадру қимати инсон ва шаҳрвандро азиз дорад. Ӯ баробари донистани ҳуқуқҳои худ уҳдадориҳои шаҳрвандии худро низ бояд дар назди ҷомеа ва давлат иҷро намояд. Ташаккули мутахассиси ҷавоне, ки дорои хислатҳои ватандӯстӣ мебошад ва дар раванди фаъолияти худ ба рушди арзишҳои инсонӣ саъй мекунад – ин аст мақсади ниҳонии барномаи мазкур.

Барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхтани корҳои тарбиявӣ имкон фароҳам меорад, ки оид ба низоми таълимӣ-тарбиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шаванд, мавқеи худро дар ҷомеа пайдо кунанд ва шахсияти худро дар ҷодаи фаъолияти иҷтимоӣ нишон диҳанд.

## Сарпарасти гурӯҳи таълимӣ (куратор)

Сарпарасти гурӯҳи таълимӣ (куратор) дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои донишҷӯ ҳам ташкилотчии корҳои тарбиявӣ, ҳам роҳнамо ва ҳам шахси аз ҳама наздик маҳсуб меёбад.

Сарпарасти гурӯҳи таълимӣ бо пешниҳоди декани факултет дар асоси фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъин мегардад. Ӯ бояд раҳшиноси боназокат, омӯзгори бомаҳорат ва таҷрибанок бошад. Донишҳои назариявӣ ва амалӣ аз соҳаҳои педагогикаю психология оид ба таълиму тарбия ба роҳбари гурӯҳи таълимӣ бояд имкон фароҳам оранд, ки ба осонӣ бо донишҷӯёни гурӯҳ ва омӯзгорон дар ҳалли масъалаҳои ташаккулёбии сифатҳои шахсӣ ва касбии мутахассисони оянда ҳамкорӣ намояд. Санъати омӯзгорӣ ба роҳбари гурӯҳи таълимӣ ёрӣ мерасонад, ки донишҷӯёнро ҳаматарафа омӯзад, бевосита қобилият, майлу рағбат, фикру андеша, ҳиссиёту иродаи шогирдонро донад ва фаъолияти таълимию ғайритаълимии онҳоро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва берун аз он ташкил намояд.

Кори сарпарасти гурӯҳи таълимӣ қисми таркибии низоми корҳои тарбиявии умумидонишгоҳӣ ба шумор меравад. Маслиҳатчии наздики роҳбари гурӯҳи таълимӣ Шӯрои роҳбарони гурӯҳҳои таълимии факултет мебошад.

Сарпарасти гурӯҳи таълимӣ тахти роҳбарии бевоситаи декан ва раиси Шӯрои роҳбарони гурӯҳҳои таълимӣ ва дар ҳамкорӣ бо онҳо фаъолият мекунад.

Мазмуну мундариҷаи кори гурӯҳи таълимиро қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастурҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, қарорҳои раёсат ва Шӯрои олимони муассисаи таълимӣ муайян менамоянд.

Мундариҷаи кори сарпарасти гурӯҳи таълимӣ асосан ҳалли масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: ташкили коллективи мустаҳками ба ҳам дӯсти донишҷӯён; дар замири донишҷӯён ташаккул додани шуурнокии сиёсӣ, фаъолнокии ҷамъиятӣ, ақидаю эътиқодҳои илмӣ, ҳисси масъулият ва вазифашиносӣ, сифатҳои баланди ахлоқию эстетикӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳиссиёти баланди ватандӯстӣ, миллатшиносию миллатдӯстӣ ва ифтихори миллӣ; ба донишҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, экологӣ пурра шинос намудани донишҷӯён; ба донишҷӯён додани маълумоти зарурӣ дар бораи омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ, танзими оила, зарару оқибати нашъамандӣ; дар донишҷӯён тарбия намудани майлу рағбат ба илмомӯзию донишандӯзӣ, омӯзиши мустақилонаи адабиёти илмию бадеӣ, иштироки фаъолона дар чорабиниҳои оммавию фарҳангӣ дар сатҳи факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ; одат кунонидани донишҷӯён ба иҷрои бечунучарои талабот ва тартиботи дохилии факултет ва умумидонишгоҳӣ ва ғайра.

Сарпарасти гурӯҳи таълимӣ бо мақсади самаранок ба роҳ мондани таълиму тарбияи донишҷӯён дар ҳамоҳангӣ бо декан ва ҷонишини ӯ, раиси Шӯрои роҳбарони гурӯҳҳои таълимии факултет ва омӯзгорон, фаъолони гурӯҳ мунтазам кор мебарад.

Сарпарасти гурӯҳи таълимӣ кори худро аз рӯи нақшаи кори тарбиявӣ, ки аз тарафи раиси Шӯрои роҳбарони гурӯҳҳои таълимии факултет тасдиқ гардидааст, ба роҳ мемонад.

Барои тибқи талабот ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ байни донишҷӯён ва ба онҳо таъсири самарабахши тарбиявӣ расонидан, нишон додани мақоми шахсии худ дар ин самт ба сарпарасти гурӯҳи таълимӣ донистани ҳуқуқу вазифаҳои худ, мазмун ва шаклу методҳои тарбия дар сатҳи баланд ниҳоят зарур мебошад.

### Ҳуқуқҳои сарпарасти гурӯҳи таълимӣ

1. Дар ҷаласаҳои Шӯрои олимон, садорати факултет иштирок карда, фикру андешаҳои хешро оид ба ҳаёту фаъолияти донишҷӯёни гурӯҳ баён менамояд.
2. Ба супориши раёсат, Шӯрои роҳбарони гурӯҳҳои таълимии факултет ё мустақилона ба дарсҳои омӯзгорони гурӯҳ даромада, иштироки донишҷӯён, ба ашёҳои таълимӣ мусаллаҳ будан ва фаъолиятнокии онҳоро дар дарсҳо аз назар гузаронида, ба омӯзгорон маслиҳатҳои самарабахш медиҳад.
3. Дар сессияҳои санҷишию имтиҳонотӣ муташаккилии донишҷӯёнро таъмин ва тарзу усулҳои қабули санҷишу имтиҳоноти омӯзгоронро назорат менамояд.
4. Дар ҳамфикрӣ бо фаъолони гурӯҳ донишҷӯёни дар бобати донишазхудкунӣ, интизом, корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ва иҷрои корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаро барои ҳавасманд гардонидан ба садорати факултет пешниҳод менамояд.
5. Ба ташаккули тайёрии касбии донишҷӯён ҳамаҷониба кӯмак мерасонад.
6. Мазмуни дастурҳои Вазорати маориф ва илм, фармоишу қарорҳои раёсати донишгоҳ ва садорати факултетро ба маълумоти донишҷӯён расонида, иҷрои онҳоро аз шогирдон талаб менамояд.
7. Шиноснома -паспорти гурӯҳро бо нишондоди ному насаби донишҷӯён, падару модарашон, макони зист, телефон, сарварони созмонҳои ҷамъиятии гурӯҳ тартиб медиҳад.
8. Ба сарварони созмонҳои ҷамъиятии гурӯҳ дар тартиб додани нақшаҳои корӣ ва гузаронидани чорабиниҳои дастаҷамъӣ ёрии амалӣ мерасонад.
9. Ба ташаккул ва таҳкими сифатҳои ғоявӣ – сиёсӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, меҳнатдӯстӣ, ватандӯстӣ ва малакаҳои омӯзиши мустақилонаи илму дониш ба донишҷӯёни гурӯҳ мусоидат менамояд.
10. Давомоти донишҷӯёни гурӯҳ ба дарсҳо ва бо маводи таълимӣ таъмин будани онҳоро назорат менамояд.
11. Ба маҳфилҳои илмӣ, корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, тайёрӣ дидану гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ ҷалб кардани донишҷӯён, ба садорати факултету кафедраҳо пайваста кӯмак мерасонад.
12. Дар гурӯҳи таълимӣ мунтазам корҳои фаҳмондадиҳию тарғиботӣ гузаронида, донишҷӯёнро ба воқеаҳои сиёсии дохилии Тоҷикистон ва ҷаҳон шинос менамояд.
13. Да гурӯҳи таълимӣ ҳафтае як маротиба соати тарбиявӣ мегузаронад (мавзӯъҳо барои соати тарбиявӣ дар вақтҳои зарурӣ аз тарафи Шӯрои роҳбарони гурӯҳҳои таълимии факултет пешниҳод карда мешаванд).
14. Моҳе як маротиба маҷлиси гурӯҳӣ гузаронида, дар он масъалаҳои давомоту азхудкунӣ, интизом, омодагӣ ба сессияҳои санҷишию имтиҳонотӣ, ҷамъбасти санҷишу имтиҳонҳо ва ғайраро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.
15. Ҷараёни санҷишу имтиҳонҳоро дар гурӯҳи таълимӣ таҳти назорати қатъӣ қарор медиҳад.
16. Бо падару модарони донишҷӯён робитаи доимӣ барқарор намуда, бобати муваффақияту камбудиҳои шогирдон ба онҳо маълумот медиҳад.
17. Якҷоя бо сарварони созмонҳои ҷамъиятии факултет арзу шикоятҳои донишҷӯёни гурӯҳ ва падару модарони онҳоро шунида, ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоти руҳдода чораҳои мушаххас меандешад.
18. Ба донишҷӯёни дар хобгоҳ истиқоматдошта кор мебаард.

### Уҳдадориҳои сарпарасти гурӯҳи таълимӣ

1. Назорати ҳаррӯза аз болои давомот, иттилоъ аз сабаби ҳозир нашудани донишҷӯ ба дарс;
2. Назорати қатъии риояи Дастурамали тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;
3. Муҷозот ба деркунандагони доимӣ;
4. Аз назар гузаронидани маводи дарсӣ, дафтар, ҷузвдон ва ғ.;
5. Назорат ба дарсшиканиҳо, иштирок дар дарсҳои гурӯҳ;
6. Баҳодиҳӣ ба сатҳи дониши ҳар як донишҷӯ;
7. Суҳбатҳои инфиродӣ бо донишҷӯёни сустхон ва вайронкунандагони Қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таълимӣ;
8. Суҳбат бо падару модарон, тамоси телефонӣ бо волидон аз ноҳияҳо;
9. Санҷиши журналҳои академикӣ, қайди пурраи шиносномаи гурӯҳ;
10. Аёдати беморон бо ҳамроҳии гурӯҳ;
11. Корҳои алоҳида бо донишҷӯёни тибқи квота таҳсилкунанда, назорати гузаронидани дарсҳои иловагӣ;
12. Боздид аз хобгоҳ, аз шароити зист ва дарстайёркунии донишҷӯён;
13. Навбатдорӣ дар гурӯҳ ва роҳравҳо;
14. Ҳар ҳафта гузаронидани шанбегиҳо ва тоза нигоҳ доштани синфхона ва таҷҳизоти он;
15. Ороиши замонавӣ ва гулпарварӣ дар синфхонаҳои дарсӣ;
16. Омӯхтани китобчаи киссагии «Тоҷикистон- Ватанам»;
17. Таъмини иштироки донишҷӯёни гурӯҳ дар корҳои ҷамъиятӣ;
18. Ташрифи якҷоя ба театру осорхонаҳо;
19. Шиносоӣ ва аъзогӣ ба китобхонаи муассисаи таълимӣ ва дигар китобхонаҳо;
20. Гузаронидани дарсҳои кушоди тарбиявӣ дар масъалаҳои муҳим;

21. Натиҷагирӣ аз ҷамъбасти сессияи имтиҳонӣ;
22. Суҳбат бо қарздорон вобаста ба бартараф намудани қарзҳои академии онҳо;
23. Ҳисоботи роҳбари гурӯҳи таълимӣ ба муовинони декан оид ба тарбия дар бораи корҳои ба сомонрасонда.

**Принсипҳои педагогие, ки сарпарасти гурӯҳи таълимӣ дар фаъолияти худ ба роҳбарӣ мегирад**

Ҷараёни демократикунонӣ, бомуваффақият пеш бурдан ва таҳкими давлати соҳибистиқлол, ҳуқуқбунёду дунявӣ ба тайёрии хуби касбии мутахассисон вобастагии қавӣ дорад.

Ингуна мутахассисон пеш аз ҳама дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба камол мерасанд. Барои ба камол расидани мутахассисони баландихтисос, ҳар як омӯзгор, роҳбари гурӯҳи таълимӣ ҳиссаи муайян мегузорад. Барои ин ки фаъолияти роҳбари гурӯҳи таълимӣ ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти донишҷӯёнро дар бар гираду дар тайёрии касбии шогирдон ҳиссагузор бошад, вай бояд дар кори хеш чунин принсипҳои педагогиро истифода барад:

1. Мақсаднок будан ва дар дараҷаи баланди идеявию маънавӣ қарор доштани чорабиниҳои тарбиявии роҳбари гурӯҳи таълимӣ.
2. Хосияти серпаҳлуӣ (комплексӣ) доштани фаъолият ва чорабиниҳои тарбиявӣ, ки ба ташаккулёбии ҳамаи паҳлуҳои шахсияти донишҷӯ кӯмак расонида тавонанд.
3. Мунтазам ва пай дар пай гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ.
4. Пайвастани чорабиниҳои тарбиявӣ ба ҳаёти иҷтимоию маънавии ҷумҳурӣ, ҳаёти донишгоҳу факултет ва худи донишҷӯён.
5. Таъмини ягонагии мақсад, талабот ва фаъолияти маъмурияти донишгоҳу факултет, муаллимону сарварони созмонҳои ҷамъиятии донишҷӯён ва оила дар пухта ба камол расонидани мутахассисони баландихтисоси оянда.

**Шаклҳо ва методҳои кори тарбиявии сарпарасти гурӯҳи таълимӣ**

Соати тарбиявӣ, иттилооти сиёсӣ, маҷлиси гурӯҳӣ, мусоҳиба, шабнишинӣ, вохӯрӣ бо шахсони намоён, экскурсия, шабҳои саволу ҷавоб, таҷлили идҳо ва санаҳои таърихӣ, суҳбат, ҳикоя, лексия, мубоҳиса, мизи мудаввар ва ғайра.

Серпаҳлу ва пурсамар будани фаъолияти роҳбари гурӯҳи таълимӣ аз ӯ фарҳанги баланд, тайёрии хуби педагогию психологӣ ва касбӣ талаб менамояд. Роҳбари хуби гурӯҳи таълимӣ пеш аз ҳама бояд шахси хушахлоқ, поквиҷдону адолатнок, дар ҳамаи фикру андешаҳо ва амалиёт комилрафтор аст. Инчунин, рӯҳи шогирдонро дарк менамояд, дар шодиву ғами онҳо ҳамроҳашон мебошад, нисбаташон хушмуомила буда, кинаву адолат ба ӯ хос нест. Вай ҳар як шогирдро дӯст медорад ва иззату ҳурмат мекунад, дар ҳаққи ӯ ғамхорӣ ва хайрхоҳии беғаразона зоҳир менамояд, дар бораи оянда мутахассиси хуб шуданаш пайваста талош менамояд.

**Нақшаи тахминии корҳои тарбиявии сарпарасти гурӯҳи таълимӣ**

Самаранокии фаъолияти тарбиявии сарпарасти гурӯҳи таълимӣ, пеш аз ҳама ба сермазмун, дастрас ва мақсаднок будани «нақшаи корҳои тарбиявӣ»-и тартибдодаи ӯ вобаста мебошад.

Нақшаи корҳои тарбиявии мақсаднок ва аз рӯи нишондодҳои илмӣ таҳияшуда барои роҳбари гурӯҳи таълимӣ раҳнамои асосӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҳангоми тартиб додани нақшаи корҳои тарбиявӣ ба роҳбари гурӯҳ лозим меояд, ки чунин талаботи педагогиро ба инобат гирад:

1. Ба ҳисоб гирифтани он вазифаҳои таълиму тарбиявӣ, ки аз мазмуни Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», дастурҳои Вазорати Маорифи Тоҷикистон оид ба таълиму тарбия ва тайёр кардани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бармеояд.
2. Ба ҳисоб гирифтани ягонагӣ, алоқамандии тамоми қисматҳои низоми тарбияи донишҷӯён.
3. Ба ҳисоб гирифтани ягонагӣ ва алоқамандии мақсад, вазифаҳо, мазмун, шаклу методҳо ва воситаҳои тарбияи донишҷӯён.
4. Ба ҳисоб гирифтани рушду такомули тамоми сифатҳои касбию шахсии мутахассисони оянда.
5. Ба ҳисоб гирифтани шароити мавҷудаи донишгоҳ, пояи таълимию тарбиявии он ва ҳолати рӯҳию маънавии донишҷӯёну падару модарони онҳо.
6. Ба асос гирифтани нақшаҳои корҳои тарбиявии донишгоҳу факултет ва воқеаву ҳодисаҳои рӯзмарра.

Нақшаи корҳои тарбиявии роҳбари гурӯҳи таълимӣ аз чунин қисмҳо иборат мебошад:

***1) Маълумоти умумӣ дар бораи гурӯҳи таълимӣ***

Маълумот дар бораи миқдори донишҷӯён, аз ҷумла писарон ва духтарон, аъзоён ва сарварони созмонҳои донишҷӯён, аълохонҳо, миёнахонҳо, дарсгурезон, сустхонҳо, ҷои истиқомат, нишонии падару модар; ҳолати интизом дар гурӯҳ (муносибатҳои коллективӣ, дӯстию рафоқат, ҳамфикрию ҳамдигарфаҳмӣ, муомила); меҳнатдӯстӣ, фаъолнокӣ, масъулиятшиносӣ ва кӯшишу ғайрат.

***2) Унсурҳои асосии корҳои тарбиявӣ***

<u>1. Истиқлолият ва масъалаҳои тарбия</u>

1. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

2. Кафолат ва сиёсати давлатии тарбияи миллӣ
3. Мафҳум мақсад ва вазифаҳои тарбияи миллӣ
4. Унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ ва мазмуни онҳо
5. Тарбия ва таълими сулҳу оштӣ
6. Тарбияи худогоҳӣ ва ваҳдвти миллӣ
7. Тарбияи ҳувият ва ифтихори миллӣ
8. Тарбияи шаҳрвандӣ, вазифа ва мазмуни он
9. Ҷомеаи муосир ва рукунҳои тарбия
10. Нақши инсондӯстӣ, арзишҳои миллӣ ва демократикунонӣ дар тарбияи шаҳрвандон
11. Рамзҳои давлатӣ, миллӣ ва нақши онҳо дар тарбия

## 2. Тарбияи идеявӣ – сиёсӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ

1. Гузаронидани Суҳбатҳо бахшида ба мазмуну моҳияти «Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, анъанаҳои меҳнатӣ, қаҳрамонию далерии мардуми тоҷик.
2. Мунтазам гузаронидани иттилооти сиёсӣ оид ба дигаргуниҳои сиёсию иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ дар ҷомеа, воқеаҳои муҳиме, ки дар ҷумҳурӣ ва берун аз он ба амал меоянд.
3. Гузаронидани соатҳои тарбиявӣ аз рӯи мавзӯъҳои муайяни дорои мазмуни сиёсию илмӣ.
4. Таҷлили санаҳои таърихӣ ва идҳои миллию байналмилалӣ, аз ҷумла рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иди забон, рӯзи модарон, иди байналмилалии Наврӯз, рӯзи Ғалаба, Ваҳдати миллӣ ва ғайра.
5. Экскурсия ба табиат ва мавзеъҳои таърихӣ ва дар бораи ҳодисаҳои он ба донишҷӯён маълумот додан.
6. Ба донишҷӯён додани маълумоти зарурӣ дар бораи моҳияти ҳаёт, ахлоқу меҳнат.

## 3. Тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ

1. Суҳбатҳо дар бораи ватандӯстӣ, моҳият ва зарурияти ифтихори миллӣ, анъанаҳо ва расму оинҳои миллӣ; донистани таърихи халқи худ, дӯст доштани адабиёту санъати миллӣ ва забони модарии худ.
2. Ҳикояҳо бахшида ба корнамоиҳои қаҳрамонони халқи тоҷик, ҳифзи ватану миллат, санъат, илму фарҳанг, меҳнат, муомилот ва ғайра.
3. Лексияҳо, мубоҳисаҳо дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон ва худшиносии миллӣ».
4. Таҷлили «Рӯзи Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон – нерӯи асосии посбони миллат», вохурӣ бо хизматчиёни ҳарбӣ ва комиссариатҳои ҳарбӣ.
5. Вохӯрӣ бо иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони намоёни соҳаҳои гуногун: фарҳанг, маориф, истеҳсолот, сохтмон ва ғайра.

## 4. Тарбияи ахлоқӣ

1. Силсилаи суҳбату лексияҳо дар мавзӯъҳои инсондӯстӣ, дӯстию рафоқат, симои маънавии донишҷӯёни мактаби олӣ, панду ҳикматҳои мутаффаккирони тоҷик оид ба масъалаҳои гуногуни ахлоқӣ, риояи меъёрҳои рафтору одоби ҳамида дар ҷойҳои ҷамъиятӣ.
2. Гузаронидани маҷлисҳои гурӯҳӣ ва муҳокимаи «Одоби муносибат», «Маданияти рафтор», «Интизоми бошуурона ва аҳамияти он барои одам», «Шуури маънавӣ ва зарурияти он барои одам», «Одоби маънавии мутахассис», «Ахлоқи ҷамъиятӣ ва дар худ ташаккул додани меъёрҳои он», «Оштинопазирӣ нисбат ба нашъамандӣ ва ҳодисаҳои манфури ҷамъиятӣ» ва ғайра.
3. Шабнишинӣ бахшида ба мавзӯи «Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт».
4. Гузаронидани маҷлисҳои гурӯҳӣ ва муҳокимаи рафтору одоби ношоистаи баъзе донишҷӯён.
5. Мубоҳиса дар мавзӯъҳои «Боинтизом будан барои ҷомеа ва шахс чӣ манфиат меорад», «Вазифашиносию масъулиятнокии донишҷӯёнро дар чӣ мебинед?»

## 5.Тарбияи эстетикӣ ва экологӣ

1. Ба осорхонаву намоишгоҳҳо сафарбар намудани донишҷӯёни гурӯҳ.
2. Ташкили вохӯриҳо бо шоиру нависандагон ва кормандони соҳаи фарҳанг.
3. Ба маҳфилҳои бадеию эҷодӣ, ороиши эстетикии синфхонаҳо, коргоҳу озмоишгоҳҳо ҷалб намудани донишҷӯён; ба тамошои консерту спектаклҳо бурдани донишҷӯён.
4. Гузаронидани силсилаи суҳбатҳо оид ба мавзӯъҳои «Одам бояд аз ҳар ҷиҳат зебо бошад», «Зебоии сухану рафтор», «Меҳнат одамро зебо мегардонад».
5. «Оби тоза сарчашмаи ҳаёт аст», «Табиат хонаи мост», «Табиат сарчашмаи илҳому эҷод аст», «Тозагию зебоии муҳит гарави саломатию хушҳолист».

## 6. Тарбияи ҷисмонӣ

1. Гузаронидани суҳбатҳо дар мавзӯъҳои «Реҷаи таълимию истироҳатии донишҷӯ», «Мавқеи варзиш дар ҳифзи саломатии одам», «Варзишгарони намоёни ҷумҳурӣ», «Донишгоҳ  - ифтихори мо» ва ғайра.
2. Ба маҳфилҳо ва сексияҳои варзишӣ ҷалб намудани донишҷӯён.
3. Гузаронидани вохӯриҳо бо варзишгарони намоёни шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ.
4. Ба мусобиқаҳои варзишии байни факултетҳо, шаҳрию ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ сафарбар намудани донишҷӯён.

7. Тарбияи меҳнатӣ ва иқтисодии донишҷӯён

1. Силсилаи суҳбату лексияҳо оид ба мавзӯъҳои «Меҳнат сарчашмаи ҳаёти инсон ва рушди ҷомеа аст», «Анъанаҳои меҳнатдӯстии авлодонамонро пос медорем», «Панду ҳикматҳои мутафаккирон ва суханҳои ҳикматноки халқ дар бораи меҳнат ва зиндагӣ», «Ҳама чиз аз меҳнат пайдо мегардад ва баҳра меёбад».
2. Мунтазам сафарбар намудани донишҷӯён ҷиҳати тозаю зебо гардонидани шаҳру атрофи донишгоҳ.
3. Ҷиҳати мустақилона аз худ намудани илму дониш ҳидоят намудани донишҷӯён.
4. Ба худхизматрасонӣ дар синфхонаҳо, коргоҳҳо, машқгоҳҳо ва хобгоҳ сафарбар намудани донишҷӯён.
5. Гузаронидани вохӯриҳо бо шахсони намоёни соҳаҳои илму истеҳсолот, собиқадорони меҳнат.
6. Силсилаи суҳбатҳо оид ба муносибатҳои бозоргонӣ ва сарфакорӣ. Ғамхорӣ ба моликияти шахсӣ ва донишгоҳ, арзиш ва сифати маҳсулот ва ғайра.

8. Тарбияи ҳуқуқӣ

1. Фаҳмондани ҳуқуқу вазифаҳои донишҷӯ.
2. Ташкил ва гузаронидани сикли суҳбатҳо оид ба ҳуқуқҳои шаҳрванд аз рӯи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Гузаронидани вохӯриҳо бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.
4. Суҳбат: «Нашъамандию нашъаҷалобӣ мухолифи қонунҳои ҷумҳурӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандон аст».
5. Ташкил ва баргузории суҳбатҳо дар мавзӯи «Коррупсия – зуҳуроти номатлуби ҷомеа»

9. Тарбияи касбии донишҷӯён

1. Шинос намудани донишҷӯён ба кафедраю озмоишгоҳҳо ва китобхонаи донишгоҳ.
2. Гузаронидани силсилаи суҳбатҳо дар мавзӯъҳои «Касби ман – ифтихори ман», «Касби омӯзгорӣ – касби пурифтихор аст», «Мутафаккирони тоҷик дар бораи устоду шогирд».
3. Ташкил ва гузаронидани мизҳои мудаввар, лексияҳо, мубоҳисаҳо ва вохӯриҳо оид ба ихтисоси оянда (омӯзгор, иқтисодчӣ, тарҷумон ва ғайра).

10. Кор бо омӯзгорон ва падару модарони донишҷӯён

1. Ба машғулиятҳои дарсии омӯзгорон дар гурӯҳ ворид гашта, фаъолнокӣ, кӯшишу ғайрат ва муносибати донишҷӯёнро ба дарсу устодон мушоҳида кардан, дар бораи одоби педагогӣ ва роҳбарӣ ба ҷараёни таълим ба омӯзгорони ҷавон тавсияҳо додан.
2. Муайян намудани иҷрои принсипи педагогии талаботи ягонагии омӯзгорон нисбат ба донишҷӯён дар ҷараёни таълим.
3. Шинос шудан ба фаъолияти омӯзгорон барои корбарӣ бо донишҷӯёни сустхон, қафомонда ва қарздор.
4. Даъвати падару модарони донишҷӯён ба назди роҳбарӣ гурӯҳи таълимӣ ва декани факултет.
5. Шинос шудан бо падару модарон ва шароитҳои оилавии донишҷӯён ва суҳбат оростан ҷиҳати ҳамкории мутақобила барои омодагии касбии фарзандонашон.
6. Дар вақтҳои зарурӣ ба воситаи мактуб дар бораи муваффақияту камбудиҳои донишҷӯ ба падару модари он хабар додан.

11. Танзими оила

1. **Соати тарбиявӣ: Ба** ҳаёти оилавӣ тайёр будан лозим.
2. **Суҳбат:** Фарзанди хуб – боғи падар, фарзанди бад – доғи падар.
3. **Суҳбат:** Танзими оила талаботи ҳаёт аст.
4. Зарурати баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва фарҳанги рӯзгордории аҳолӣ.

Намунаи нақшаи корҳои тарбиявии
сарпарасти гурӯҳи таълимӣ

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Точикистон

«Тасдиқ мекунам»

Муовини ректор оид ба тарбия____________
«________» ____________ соли 2021

Нақшаи
корҳои тарбиявӣ бо донишҷӯёни гурӯҳи «_____»
дар соли таҳсили 2021 – 2022

Раиси Шӯрои роҳбарони
гурӯҳҳои таълимии факултет___________

Сарпарасти гурӯҳи таълимӣ ____________________

Душанбе -2021

| № | Номгуи чорабиниҳо | Шахси масъул | Муҳлати иҷро |
|---|---|---|---|
| | **Тарбияи ғоявӣ - сиёсӣ** | | |
| 1 | Суҳбат: Мазмуну моҳияти рамзҳои давлатӣ | Роҳбари гурӯҳ | Сентябр, октябр |
| 2 | Гузаронидани ахбороти сиёси бахшида ба воқеаҳои сиёсии дохилию байналмилали | Роҳбари гурӯҳ, каф. фил. сиёсат | Дар вақти зарурӣ |
| 3 | Суҳбат бахшида ба мазмуни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Роҳбари гурӯҳ | Дар давоми соли таҳсил |
| 4 | Ҷашн гирифтани санаҳои таърихӣ ва идҳои миллию байналмиллалӣ | Роҳбари гурӯҳ, раёсат | Дар давоми сол |
| | **Тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ** | | |
| 1 | Суҳбат: моҳияти ватан ва ватандӯстӣ | Роҳбари гурӯҳ, раёсат | Дар давоми сол |
| 2 | Суҳбат: бо анъанаҳо ва расму оинҳои миллӣ содиқ будан лозим | | |
| 3 | Моҳият ва зарурати дар ҷавонон парваридани ҳисси ифтихори миллӣ | | |
| 4 | Ҳикояҳо бахшида ба қаҳрамонони халқи тоҷик | Роҳбари гурӯҳ, раёсат | |
| 5 | Лексия дар мавзӯи «Таърихи халқу ватанро донистан мебояд» | Кафедраи таърихи халқи тоҷик | |
| 6 | Ҷашни қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикисон | Роҳбари гурӯҳ, раёсат | Моҳи феврал |
| 7 | Ҷашни Ғалаба аз болои фашизми Германия | Садорати факултет | Моҳи май |
| 8 | Вохӯрӣ бо иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ | | |
| | **Тарбияи ахлоқӣ** | | |
| 1 | Сифатҳои маънавии донишҷӯи мактаби олӣ | Роҳбари гурӯҳ, раёсат | Сентябр |
| 2 | Суҳбат дар мавзӯи «Инсондӯст бояд буд» | | Октябр |
| 3 | Сатҳои тарбиявӣ бахшида ба мавзӯъҳои «Одоби муносибат», «Низоми бошуур ва маданияти рафтор», «Одоби маънавии мутахассис» | Роҳбари гурӯҳ, кафедраи педагогика ва психология | Дар давоми сол |
| 4 | Гузаронидани маҷлиси гурӯҳӣ бахшида ба давомот, рафтору одоб ва ғайра | Роҳбари гурӯҳ | Ҳар моҳ |
| 5 | Мубоҳиса: Боинтизом будан барои ҷомеа ва шахс чӣ манфиат дорад? | Роҳбари гурӯҳ, кафедраи педагогика ва психология | Дар давоми сол |
| | **Тарбияи эстетикӣ ва экологӣ** | | |
| 1 | Ба осорхонаю намоишгоҳҳо сафарбар намудани донишҷӯён | Роҳбари гурӯҳ | |
| 2 | Гузаронидани вохӯриҳо бо шоирон, нависандагон, рассомон, санъаткорон | Роҳбари гурӯҳ, раёсат | |
| 3 | Ҷалб намудани донишҷӯён ба ороиши синфхонаҳо, хобгоҳҳо, коргоҳу озмоишгоҳҳо | | |
| 4 | Ба маҳфилҳои бадеию эҷодӣ ҷалб намудани донишҷӯён | | |
| 5 | Гузаронидани суҳбат дар мавзӯъҳои «Одам бояд аз ҳар ҷиҳат зебо бошад», «Зебоии сухану рафтор», «Оби тоза сарчашмаи ҳаёт аст», «Табиат хонаи мост», «Тозагию зебоии муҳит гарави саломатию хушҳолист» | Роҳбари гурӯҳ, кафедраи таърихи адабиёти тоҷик, биология | |
| 6 | Ташкил кардани экскурсия ба табиат ва мавзеъҳои таърихӣ ва шиносонидани донишҷӯн ба зебоии он. | Роҳбари гурӯҳ, кафедраи педагогика ва психология | Баҳор, тирамоҳ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Вобаста ба қисматҳои дигари нақша низ чунин чорабиниҳои мушаххас тартиб дода мешавад.<br>Роҳбари гурӯҳи таълимӣ метавонад дар гузаронидани ин чорабиниҳо ва кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ҳамкорӣ намояд | | |

### Нақшаи ташкили соати тарбиявӣ

Ҳар як чорабинии тарбиявӣ дар ҳолате ба донишҷӯ таъсири мусбати тарбиявӣ мерасонад, ки агар роҳбари гурӯҳи таълимӣ ба он омодагии пухтаю ҳаматарафа дида бошад ва он аз рӯи нақшаи муайян гузаронида шавад. Нақшаи ҳар як чорабинии тарбиявӣ бояд чунин қисматҳоро дар бар гирад:

1. Мавзӯъ. 2. Мақсад. 3. Равиши чорабинӣ. 4. Ҷамъбасти чорабинӣ ва баровардани хулосаҳои ҷамъбастӣ. 5. Баҳо додан ба фаъолияти иштирокчиён. 6. Ташкил кардани лаҳзаҳои бадеӣ (тибқи имконият).

Мисол: гузаронидани соати тарбиявӣ дар мавзӯи «Киро метавон одами хушахлоқ номид?». Нақшаи соати тарбиявӣ ва тарзи гузаронидани он чунин аст:

1. **Мавзӯъ:** Киро метавон одами хушахлоқ номид?
2. **Мақсад:** Ба донишҷӯён дар бораи сифатҳои мусбати ахлоқии инсон маълумот додан.
3. **Равиши чорабинӣ (соати тарбиявӣ):**

Дар аввал роҳбари гурӯҳи таълимӣ ба донишҷӯён чунин муроҷиат мекунад: Шумо медонед, ки аксари мардум ба шахсияти одамон бо истифодаи мафҳуми **«Одами хуб», «Одами бад ё зишт»** баҳо медиҳанд. Донишҷӯён, албатта, мегӯянд, ки мо ҳам ин суханҳоро шунидаем.

Сипас, роҳбари гурӯҳ ба донишҷӯён рӯ оварда мегӯяд, ки акнун биёед ҳамроҳ дида мебароем, ки киро одами **«хуб», «хушахлоқ»** ва киро одами **«бад», «бадахлоқ»** номидан мумкин аст.

Баъд аз ин роҳбари гурӯҳ ба шаҳру эзоҳи мафҳумҳои «Ахлоқ чист?», «Интизом чист?», «Рафтору одоб чӣ маъно дорад?», **«Меъёрҳои манфии ахлоқӣ кадомҳоянд?»** шурӯъ менамояд. Дар рафти баёни моҳияти ин мафҳумро фикру андешаҳои донишҷӯён ба инобат гирифта мешавад.

**4. Ҷамъбасти чорабинӣ ва баровардани хулосаҳои ҷамъбастӣ:** Баъди шарҳу эзоҳи ин мафҳумҳо ва фикру андешаҳои донишҷӯён роҳбари гурӯҳ таъкид менамояд: Акнун ба шумоён маълум гардид, ки ахлоқи ин маҷмӯи принсипҳо, қоидаҳо ва меъёрҳои рафтору одоб аст, ки ҷомеа ва ҳар як инсон бояд инро ба ҷо биёрад.

Сифатҳои мусбӣ ё худ хуби ахлоқӣ инҳо мебошанд: инсондӯстӣ, дӯстию рафоқат, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, хушмуомилагӣ, бовиҷдонӣ, ростқавлӣ, масъулиятшиносӣ дар иҷрои вазифа, ғамхорӣ дар ҳаққи дигарон, ҳурмат кардани калонсолон, касеро наранҷонидан ва ғайра.

Меъёрҳо ё хислатҳои бади инсонӣ инҳоанд: зиштӣ, дағалӣ, бахилӣ, худпарастӣ, озурдани дигарон, муфтхӯрӣ, ғайбат, дурӯғгӯӣ, беақлӣ, хоҳиши коргурезӣ, хиёнат, бесуботӣ, бемасъулиятӣ нисбат ба вазифаҳои худ ва ғайра.

Сипас роҳбари гурӯҳи таълимӣ ба воситаи чунин савол ба донишҷӯён муроҷиат мекунад: акнун бигӯед, ки «одами хуб» кист ва киро «одами бад» гуфтан мумкин аст?

Донишҷӯён, албатта, ҷавоб мегӯянд: он шахсеро, ки дорои сифатҳои мусбати ахлоқӣ мебошад, «одами хуб» ва шахсеро, ки дорои хислатҳои манфии ахлоқӣ аст, «одами бад» номидан мумкин аст.

**5. Баҳо додан ба фаъолияти иштирокчиён:** Дар ин қисми соати тарбиявӣ роҳбари гурӯҳи таълимӣ ба фикру андешаҳои донишҷӯёни фаъол баҳо дода, шогирдонро таъкид менамояд, ки сифатҳои мусбати ахлоқиро дар худ ташаккул диҳанд, зеро онҳо барои ҳар як шахс ва худи онҳо ҳамчун мутахассиси оянда чун боду ҳаво заруранд.

### Ҳуҷҷатгузории сарпарасти гурӯҳи таълимӣ

Ба мақсади самарабахш будани корҳои тарбиявӣ дар байни донишҷӯён роҳбари гурӯҳи таълимӣ вазифадор аст, ки коргузорию ҳуҷҷатдориро дуруст ба роҳ монад. Ҳуҷҷати дуруст ифодагари ҳисси масъулиятшиносӣ, бовиҷдонӣ, маданияти омӯзгории роҳбари гурӯҳи таълимӣ мебошад.

Роҳбари гурӯҳи таълимӣ бояд ҳуҷҷатҳои зеринро дошта бошад:

1. Нақшаи солонаи тасдиқгардидаи корҳои тарбиявӣ.
2. Нақшаи моҳона (рӯзонаи роҳбари таълимӣ), ки дар асоси нақшаи солона ва ба ҳисоб гирифтани масъалаҳои ба миён омада тартиб дода мешавад.
3. Нақшаи тақсими маърӯзаҳои соатҳои тарбиявӣ, ки ҳафтае як маротиба гузаронида мешавад.
4. Нақша – конспекти чорабиниҳои тарбиявӣ: суҳбат, лексия, мубоҳиса, воҳӯрӣ, шабнишинӣ, мизи мудаввар ва ғайра.
5. Дафтари қайди гузаронидани суҳбатҳо бо падару модарони донишҷӯён.
6. Ҳуҷҷатҳои ташкил ва баргузории маҷлисҳои гурӯҳӣ ва дигар чорабиниҳо.
7. Шиносномаи донишҷӯ

### Намунаи шиносномаи донишҷӯ

Расм

1. Факултети _________________________
2. Ному насаб __________________________________
3. Ҷинс _________________________
4. Соли таваллуд «_______» «____________» «___________»
рӯз моҳ сол
5. Ҷои таваллуд ____________________________________
6. Ҷои истиқомати ҳозира_____________________________
(шаҳр, ноҳия, вилоят)
7. Таҳсил дар донишгоҳ (донишкада) ___________________________
(квота, буҷавӣ, шартномавӣ)
8. Аъзои ҳизб ________________

9. Аъзои созмони ҷавонон ______________
10. Аъзои иттифоқи касаба _______________
11. Ному насаби волидайн
Падар _________________________________

Модар _________________________________
12. Рақами телефон
Хона __________________
Ҳамроҳ _________________
Телефони падару модар___________________

Тавре дар боло қайд гардид, яке аз вазифаҳои муҳими сарпарасти гурӯҳи таълимӣ кор бо падару модарони донишҷӯён ба ҳисоб меравад.

Сарпарасти гурӯҳи таълимӣ дар ин ҷода шаклу методҳои гуногунро ба кор мебарад, ки яке аз онҳо ба падару модарони донишҷӯён дар иртиботи доимӣ қарор доштан аст.

Ба падару модароне, ки дар тарбияи фарзандон ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд ва фарзандони онҳо бо баҳои хубу аъло ва интизоми намунавӣ таҳсил менамоянд, сарпарасти гурӯҳи таълимӣ бо розигии декани факултет мактуби миннатдорӣ мефиристад. Намунаи мактуб чунин аст:

---

Падару модари муҳтарам _________________________
садорат, сарпарасти гурӯҳи таълимӣ ва созмонҳои ҷамъиятии факултети ____________________________________ ба Шумо барои тарбияи фарзандатон _________________________________________________________________, ки дар курси _____ шӯъбаи рӯзона таҳсил мекунад, миннатдории самимӣ изҳор менамоянд. Дар таълим ва тарбияи минбаъдаи ӯ ба Шумо кмоёбиҳои беназир орзумандем.
Бо эҳтиром декани факултет _______________________
Сарпарасти гурӯҳ ______________________________
Раиси созмони ҷавонон ______________________
Раиси иттифоқи касаба ______________________
Таърихи рӯз ______________________
Суроғаи мо: ш. Душанбе. кӯчаи ….

Агар дар гурӯҳи таълимӣ донишҷӯёни бадхон, тарбияи дуруст нагирифта, қарздору дарсгурез бошанду чорабиниҳо ба онҳо таъсири мусбати тарбиявӣ нарасонида бошад, сарпарасти гурӯҳ дар ин хусус ба воситаи гузориш ба декани факултет муроҷиат менамояд.

Суроға: ________________________________
Падару модари мӯҳтарам _____________________
Садорати факултети __________________________ба маълумоти Шумо мерасонад, ки фарзандатон ____________________________________________
- донишҷӯи курси ___________ шӯъбаи рӯзона дар дарсҳо мунтазам иштирок намекунад, нисбати вазифаҳои донишҷӯӣ ва қоидаҳои рафтору одоб беаҳамиятӣ зоҳир менамояд. Агар ӯ муносибати худро ба таҳсил, рафтору одоб тағйир надиҳад, аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда мешавад.
Декани факултет: __________________________
(имзо)
«_______» ________________ с. 20

---

Ҷадвали тақсимоти соатҳои тарбиявӣ вобаста ба курс ва соли таҳсил

| Курс | Семестри 1 | Семестри 2 | Ҳамагӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 16 | 16 | 32 (1,33 кредит) | |
| 2 | 16 | 16 | 32 (1,33 кредит) | |
| 3 | 16 | 16 | 32 (1,33 кредит) | |
| 4 | 16 | 0 | 16 (0,66 кредит) | Семестри 2 - таҷрибаомӯзӣ |
| 5 | 16 | 0 | 16 (0,66 кредит) | Семестри 2 - таҷрибаомӯзӣ |
| Ҳамагӣ: | 80 (3,33 кредит) | 48 (2 кредит) | 128 (5,33 кредит) | |

## МАВЗӮЪҲО БАРОИ СОАТҲОИ ТАРБИЯВӢ

### КУРСИ 1

| № | НОМГӮИ МАВЗӮЪҲО | Миқдори соатҳо |
|---|---|---|
| 1. | Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон | 1 |
| 2. | Истиқлолияти давлатӣ – омили пешрафти босуботи кишвар | 1 |
| 3. | Таърихи пайдоиш  ва ташаккули таомҳои миллӣ | 1 |
| 4. | Одоби муошират ва рафтор дар синфхонаву донишгоҳ, эҳтироми омӯзгорон ва аҳли таълимгоҳ | 1 |
| 5. | Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Асари Пешвои миллат «Забони миллат- ҳастии миллат» | 1 |
| 6. | Сокини пойтахт будан шараф аст | 1 |
| 7. | Ҷашни Меҳргон. Ободонӣ, кабудизоркунӣ, ороиш ва тоза нигоҳ доштани муҳити зист | 1 |
| 8. | Аҳамияти шолӣ дар рӯзгори тоҷикон. Палав – таоми миллии дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшуда | 1 |
| 9. | Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1 |
| 10. | Қоидаҳои рафтор дар китобхона ва марказҳои фарҳангию фароғатӣ | 1 |
| 11. | Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1 |
| 12. | Рӯзи Парчами миллӣ.   Омӯхтани рамзҳои давлатӣ ва эҳтиром гузоштан ба онҳо | 1 |
| 13. | Одоби суханварӣ, саволу ҷавоб, баҳсу мунозира ва ифодаи эҳтиром дар ин гуна ҳолатҳо | 1 |
| 14. | Консепсияи миллии тарбия ва нақши он дар тарбияи насли ватандӯсту меҳанпараст | 1 |
| 15. | Мубориза бар зидди коррупсия кори дастҷамъист | 1 |
| 16. | Ҷашни Сада – нахустмуждаи арӯси сол | 1 |
| 17. | Рӯзи Артиши миллӣ. Ҷомеа ва тафаккури  солим | 1 |
| 18. | Иди модарон. Аҳамияти мутолиаи китоб, рӯзномаву маҷалаҳо ва муносибат ба онҳо | 1 |
| 19. | Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият… (таҳлили панду андарзҳо) | 1 |
| 20. | Сарфа ва эҳтиёткорӣ дар рӯзгор | 1 |
| 21. | Ҷашни байналмилалии Наврӯз. Муносибат бо ҳамсабақон, омӯзгорон ва ашхоси ношинос | 1 |
| 22. | Истифодаи таҷҳизоти техникӣ ва корбурди дурусти он | 1 |
| 23. | Рӯзи пойтахт.  Рӯзгордории духтарон дар руҳияи миллӣ | 1 |
| 24. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» | 1 |
| 25. | Аз таърихи пайдоиши чакан ва махсусиятҳои чакандӯзӣ | 1 |
| 26. | «Ҳунар беҳтар аз зар бувад» - арҷгузорӣ ба ҳунарҳои мардумӣ | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | Рӯзи Ғалаба. Эҳтиром ба табиат, муҷассамаҳо, мусаввараҳо ва ёдгориҳоитаърихӣ | 1 |
| 28. | Ороиши дастархони миллӣ ва мизи аврупоӣ | 1 |
| 29. | Рӯзи ҷавонон. Асари Пешвои миллат «Чеҳраҳои мондагор» | 1 |
| 30. | Рӯзи кӯдакон. Мафҳум ва моҳияти Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ» | 1 |
| 31. | Аз таърихи пайдоиш ва ташаккули либосҳои миллӣ. Атлас ва адрас | 1 |
| 32. | Ҷашни Ваҳдати миллӣ. Масъулиятшиносӣ – таҳкимбахши фаъолияти меҳнатӣ | 1 |
| | Ҳамагӣ: | 32 (1,33 кредит) |

**КУРСИ 2**

| № | НОМГӮИ МАВЗӮЪҲО | Миқдори соатҳо |
|---|---|---|
| 1. | Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули сулҳу ваҳдат, худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва шаъну шарафи шаҳрвандии тоҷикон | 1 |
| 2. | Ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шахси маърифатнок кист? | 1 |
| 3. | Тафаккури солим - омили асосии ошкор ва рафъи камбудиҳо | 1 |
| 4. | Ташкили тӯю маъракаҳо бо риояи расму оин ва қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои самарабахши он | 1 |
| 5. | Рӯзи забони давлатии Ҷумҳури Тоҷикистон | 1 |
| 6. | Нақши волидайни донишҷӯён дар иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» | 1 |
| 7. | Ҷашни Меҳргон. Тарзи ҳаёти солим – кафолати саодатмандии аҳли хонадон | 1 |
| 8. | Оини меҳмоннавозӣ ва риояи сарфакорӣ дар қабули меҳмонон | 1 |
| 9. | Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикичстон. Волоияти қонун – омили асосии рӯзгори осоиштаи ҷомеа | 1 |
| 10. | Эҳтироми падару модар – қарзи фарзандӣ | 1 |
| 11. | Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1 |
| 12. | Рӯзи Парчами миллӣ. Дарси муаллим ар бувад замзамаи муҳаббате, Ҷумла ба мактаб оварад тифли гурезпойро (таҳлили панду ҳикматҳо аз осори гузаштагон) | 1 |
| 13. | Сарфаю сариштакорӣ – омили пешрафти ҷомеа | 1 |
| 14. | Ороиши дастархони миллӣ ва мизи аврупоӣ | 1 |
| 15. | «Сухан дониста гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ» (қоидаҳои суханварӣ ва маҳорати дарки сухан) | 1 |
| 16. | Ҷашни Сада – нахустмуждаи баҳори нозанин | 1 |
| 17. | Рӯзи Артиши миллӣ | 1 |
| 18. | Мафҳум ва моҳияти Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ» - омили раҳоӣ аз қашшоқиву нодорӣ | 1 |
| 19. | Иди модарон. Таҷҳизоти техникӣ ва фарҳанги истифодаи он | 1 |
| 20. | Фарҳанги муошират донишҷӯдухтарон | 1 |
| 21. | Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ. Сарбаландӣ гар бихоҳӣ, бо ҳама якранг бош | 1 |
| 22. | Баланд гардидани маънавиёти ҷавонон – омили рушди ҷомеа | 1 |
| 23. | Рӯзи пойтахт. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ – тақозои замон | 1 |
